ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
_____
«21» ноябри соли 2022.

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Холова Моҳира Буриевна дар мавзуи **«Мутобиқати савтии калимаҳои русиву аврупой ва усулҳои ба меъёр даровардани онҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Холова Моҳира Буриевна соли 2016 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик» хатм намуда, соли 2017 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантура дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 21.01.2020, таҳти №29-05 хатм намудааст. Аз моҳи январи соли 2021 то ин замон ба ҳайси ассистент дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Роҳбари илмии унвонҷӯ Ҳомид Маҷидов – доктори илми филология, профессор. Мушовири илмӣ Назарзода Сайфиддин – узви вобастаи АМИТ, доктори илми филология, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таърихи 27.01.2017, қарори №6 тасдиқ шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Холова Моҳира Буриевна дар мавзуи «Мутобиқати савтии калимаҳои русиву аврупой ва усулҳои ба меъёр даровардани онҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ» дар ҷаласаи кафедраи забони адабии

муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12.10. 2022, суратҷаласаи №2 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки муқарризони холис – доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ Исматуллозода Ширин ва номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Амлоев Аминҷон муҳокима гардид. Аз маърузаи унвонҷӯ, суолу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Дар таърихи мавҷудияти забони тоҷикӣ охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ марҳалаи наверо боз намудааст. Дар ин марҳала забони тоҷикӣ аз ҳар ҷиҳат, махсусан, аз лиҳози таркиби луғавӣ ташаккул ёфта, ба бознигариҳои зиёде рӯ ба рӯ шудааст. Иқтибосоти русиву аврупоӣ ҳанӯз аз ибтидои гузариш мафҳумҳои нави илмиву техникиро ифода мекунанд. Аз ин боис дар замони имрӯз низ бо навигариҳои нави илмиву техникӣ қабули онҳо амрест ногузир ва зарурӣ. Ҳарчанд, имрӯз забони тоҷикӣ ва забони русӣ алифбоҳои ба ҳам наздик дошта бошанд ҳам, аммо аз лиҳози меъёрҳои савтӣ тафовутҳои зиёде ба назар мерасанд. Ин қабил масъалаҳои муҳим дар диссертатсияи Холова Моҳира Буриевна дар асоси ҷамъоварии иқтибосоти русиву аврупоӣ ва муқоисаи онҳо ба меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ баррасӣ шудааст, ки аз ҷумлаи **вазифаҳои муҳимми илми забоншиносӣ** ба шумор мераванд.

Агарчи аз қабули вожаҳои русиву аврупоӣ зиёда аз як аср сипарӣ гашта, фоизи онҳо рӯз ба рӯз афзуда истодааст, аммо то кунун ягон дастур дар асоси меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ дар қабул ва мутобиқгардонии ин бахши иқтибосот дар забони адабии муосири тоҷикӣ мавҷуд нест. Ҳол он ки дар асоси пажӯҳиши муҳаққиқони ин самт ва гунаҳои мутобиқшудаи русиву аврупоӣ далели он мебошанд, ки ин бахши иқтибосот ҳанӯз дар солҳои аввали гузариш ба меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ тавъам мегаштанд. Дар диссертатсия Холова Моҳира дар асоси омӯзиши заминаҳои воридшавӣ, омилҳои мутобиқнашавӣ, 700 адад вожаҳои мутобиқшуда ва роҳҳои мутобиқшавии калимаҳои русиву аврупоӣ аз лиҳози садоноку ҳамсадо, ҳиҷо ва зада омӯхта шуда, дар асоси онҳо мувофиқ ба меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ роҳҳои ба низомдарории иқтибосоти русиву аврупоӣ аз лиҳози садоноку ҳамсадо, ҳиҷо ва қолабҳо муқаррар гардидааст, ки дар замони имрӯз пажӯҳишест, саривақтӣ ва дорои аҳаммияти илмию амалӣ.

Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи диссертатсионии Холова М.Б. ба масъалаҳои мубрами забоншиносӣ бахшида шуда, иқтибосоти русиву аврупоӣ аз назари

меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ, роҳҳои мутобиқшавӣ ва меъёри истифодаи ин гурӯҳи калимаҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ таҳқиқ шуда, ҳамзамон роҳҳои ба низом даровардани онҳо ва пешниҳоди имлои калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ ба миён гузошта шудааст, ки аз ҷумлаи **масъалаҳои мубрами забоншиносист.**

Мақсади аслии таҳқиқи диссертатсионӣ ва вазифаҳои аввалиндараҷаи муаллифи он ба таҳлилу баррасӣ гирифани иқтибосоти русиву аврупоӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ ва муайян намудани роҳу усулҳои мутобиқшавии ин бахши калимаҳо дар садаи ХХ-ум ва замони имрӯз буда, барои расидан ба ҳадафҳои мазкур иҷрои **вазифаҳои зерин** зарур ҳисобида шудааст:

– ҷамъоварӣ ва омӯзиши калимаҳои мутобиқшудаи русиву аврупоӣ аз ҳамаи сарчашмаҳо (таркиби луғавӣ, асарҳои илмӣ, бадеӣ, публитсистӣ ва номаҳои адибон);

– муайян намудани мутобиқшавии садонокҳои забони русӣ ба садонокҳои забони тоҷикӣ;

– муайян намудани мутобиқшавии ҳамсадоҳои забони русӣ ба ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ;

– мутобиқ гардонидани махсусияти ҳиҷоии калимаҳои аз забони русӣ иқтибосшуда;

– мутобиқ гардонидани қолабҳои калимаҳои русиву аврупоӣ ба қолабҳои калимаҳои аслии забони тоҷикӣ;

– дар заминаи таҷрибаи гузашта ва мувофиқ ба талаботи имрӯза тартиб додани намунаи дастур дар қабул ва истифодаи вожаҳои нави русиву аврупоӣ мувофиқ ба савтиёт (қолаб, ҳиҷо ва зада)-и забони тоҷикӣ.

Муаллиф ба ҳимоя **нуктаҳои асосӣ ва меҳвари**еро **пешниҳод** намудааст, ки воқеан, дар илми забоншиносӣ арзиш ва аҳаммияти зиёд доранд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки дар диссертатсия заминаҳои воридшавӣ, омилҳои мутобиқнашавии калимаҳои русиву аврупоӣ вобаста ба ҳар як давраи мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ омӯхта шудааст. Дар заминаи маводи публитсистии ибтидои асри ХХ ҳисоботи оморӣ анҷом дода шудааст, ки дар асоси он тарзи истифода ва теъдоди калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар давраҳои аввали воридшавӣ муқаррар гардида, ҳамчунин, гунанокӣ, роҳу усулҳои мутобиқшавии савтӣ аз лиҳози садоноку ҳамсадо, ҳиҷо, ихтисори овозҳо, мавқеи ҷойгиршавии онҳо дар таркиби ҳиҷоҳо ва қолабҳои таркибии калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар забони тоҷикӣ муайян гардидааст. Пешниҳоди намунаи имлои калимаҳои иқтибосии русиву

аврупой мувофиқ ба меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ аз дастовардҳои дигари диссертатсия маҳсуб меёбад.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз ҷиҳати дарёфтҳои илмӣ, масъалагузориҳо, мавзуи интихобшуда, метод ва равишҳои таҳқиқ, инчунин, натиҷагириҳо аҳаммияти махсуси илмӣ дорад.

Баррасии масъалаҳои интихобшуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳо, ҷустуҷӯ ва таҳлили осори назмию насрӣ, публитсистӣ, номаҳои адибони ҷудогона дар замони мавриди таҳқиқ, муҳокимаю натиҷагириҳо, асосноккунии назария ва андешаҳои баёншуда, пешниҳоди имлои иқтибосоти русию аврупой аз **саҳми шахсии довталаб** дар таҳқиқи диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳад.

Диссертант дар раванди таҳқиқ аз **методҳои** муқоисавӣ-таърихӣ, хронологӣ, тасвирӣ ва оморӣ истифода карда, ба осори илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намудааст.

Аҳаммияти назарии диссертатсия дар он маҳсуб меёбад, ки натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада пажӯҳиши дигар муҳаққиқони ин самтро таҳвият бахшида дар омӯзиши махсусиятҳои сарфӣ ва маъноии калимаҳои иқтибосии русиву аврупой ва калимаҳои иқтибосии мансуб ба дигар забонҳо ё таҳқиқоти ҳамгун истифода намудан мумкин аст.

Арзиши амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва маводи он дар таҳияи имлои калимаҳои иқтибосии русиву аврупой аз лиҳози садоноку ҳамсадо, ёдбарсарҳо, ҳиҷо, қолаб ва зада замина шуда метавонад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиф шуда, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кори диссертатсионии Холова Моҳира Буриевнаро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманди анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Холова М.Б. дар мавзуи «Мутобиқати савтии калимаҳои русиву аврупой ва усулҳои ба меъёр даровардани онҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат

дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми филология, прфессор Исматуллозода Ширин ва номзади илми филология Амлоев Аминҷон онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 23 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 23 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 4 аз 22.11.2022.

Раиси шурои олимон,
доктори илми филология,
профессор Сироҷиддини Эмомалӣ.

Муқарризони холис:

доктори илми филология, профессори
кафедраи таърихи забон ва типологияи
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исматуллозода Ш.

номзади илми филология, муаллими
калони кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи славянии Россия ва
Тоҷикистон Амлоев А.Я.

Котиби илмии шуро, дотсент Мавлонзода Ш.

Имзоҳои С. Эмомалӣ, Исматуллозода Ш. ва
Ш. Мавлонзодаро «тасдиқ мекунам»:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
25.11.22

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«___» ноябри соли 2022

Имзои Амлоев А.Я.-ро
«тасдиқ мекунам»:
сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи славянии Россия ва
Тоҷикистон

Раҳимов А.А.

Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч.М. Турсунзода 30.
Телефон: +9929 (44) 620 42 15
___«26» ноябри соли 2022.